**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълимии он.**

# Рисолаи тахассусии хатм

Дар мавзӯи:**”Нақши маводи мултимедӣ дар инкишофикори мустақилонаи донишҷӯён”**

**Иҷрокунанда:** донишҷӯи курси 4-уми шӯъбаи забони олмонӣ **Маҳмадалиев Одилҷон**

**Роҳбари илми,**
**доктори илмхои педагоги** **Сайфуллоев Х .**

Душанбе – 2015

Рисолаи тахассусии хатм оғоз шуд: аз «_______» сентябри соли 2014

Ба ҳимоя иҷозат дода шуд: «_________» майи соли 2015

Имзои мудири кафедра________________________________

Имзои роҳбари илмӣ__________________________________

Имзои донишҷӯ_______________________________________

**Нақша**

Муқаддима.........................................................................сах̣ 4

БОБИ 1:**Технологияи мултимедҳдар омузиши забонҳои хоричҳ.**

1.1.Технологияи мултимедӣ имкониятҳои нав дар омӯзиши забони олмонӣ..........................................................................................сах̣ 7

1.2. Асосҳои педагогӣ ва психологии таълими забони олмонӣ дар истифодаи технологияи мултимедӣ..............................................сах̣ 12

1.3. Нақши маводи мултимедӣ дар таълими забони олмонӣ..сах̣ 21

Хулоса доир ба боби якум.....................................................сах̣ 26

БОБИ 2. **Технологияи иттилотиву комуникативҳ инкишофи раванд ва ташкилу идораи таълим**

2 .1. Технологияи иттилоотиву комуникативӣ даринкишофи фаъолияти маърифатнокӣ ва эҷодии хонандагон........................сах̣ 27

2.2. Ташкилу идораи раванди таълим ва омилҳои асосӣҳангоми корҳои гурӯҳӣ..........................................................................сах̣ 30

2.3. Аёният дар таълим ва дараҷаҳои самаранокии фаъолияти омӯзгор...........................................................................сах̣ 37

Хулоса доир ба боби дуввум.................................................сах̣ 42

Хулосаи умуми.......................................................................сах̣ 44

Руихати адабиёти истифодашуда..........................................сах̣ 48

## Муқаддима

**Актуали будани мавзуъ.** Олам он қадар мураккаб аст,ки онро пурра ба ҳама тафсилоташ якбора омӯхтан номумкин аст, ҳарчанд ба ин ҳаракат кардан лозим аст[1,с.223].Пеш аз ҳама, бо истифода аз мундаричаи фанҳои мактабӣ хонандагонро таълим додан лозим аст,ки падидаҳо ва мавзӯъҳоро ҳамчун система тасвир намоянд ва чизи асосиро ҷудо карда, лаҳзаҳои дуюмдараҷаро сарфи назар кунанд. Бинобар ин, дар ҳар як система умумиятҳои зиёде мавҷуд аст. Ҷаҳоне, ки моро иҳота мекунад, аз системаи бузурге иборат аст, ки дар навбати худ ҳар кадом аз системаҳои зиёди мураккаб таркиб ёфтаанд. Маҳз барои ҳамин мо бояд кӯшиш кунем,ки ба хонандагон ба тарзи системавӣ фикр карданро омӯзонем. Агар умумиятҳоро донем, мо дар ҳолати хеле мусоид қарор мегирем ва то саршавии тадқиқоти системаҳои муайян, мо дар бораи он чизи бисёреро медонем.Ҷолиб будани муносибати системавӣ дар ҳамин аст. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки фаҳмиши амиқи мафҳумҳо, равандҳо ва падидаи омӯхташаванда ба даст оварда шаванд. Илова бар ин, назора кардани самаранокии чунин таълимот, бо назардошти стандартҳои фикрронии системавӣ  лозим аст. Аз нуқтаи назари муносибатхои системавӣ фикронӣ элементхое, ки ба системаи мазкур дохил мешавад, бояд ҳам худ ба худ ва ҳам вобаста ба дигар объектҳо ва падидаҳо дида баромада шаванд.Ҳеҷ як мавҷуди зинда, ҳеҷ як колектив, ҳеҷ як мошина, беробита бо муҳити атрофи худ вуҷуд дошта наметавонад. Аммо тасвир кардан ва ба ҳисоб гирифтани робитаҳо амалан ғайриимкон аст. Фақат қисмҳои аз ҳама муҳим ва робитаҳои мустаҳкамро,ки ба хусусиятҳова вазифаҳои системаҳо таъсири зиёд мерасонад, ҷудо намудан, басанда аст, барои ҳамин мақсади муайян мафҳуми муносибати системавӣ истифода карда мешавад. Бунёди ҷомеаи демократӣ тақозо менамояд,ки мактаби имрӯза дар ташаккули шахсиятҳои озодандеш,  эҷодкор ва созандагиисаҳмгузор бошад. Ин гуна шахсиятҳо ҳамон вақт тарбия меёбанд, ки агар дар мазмуни таҳсилот  ва шаклу усулҳоитаълим дигаргуниҳои сифатӣ ба амал оянд ва таълим дар асоси

намуди нави муносибатҳо, аз ҷумла муносибати инсонгарона ва хайрхоҳона ба роҳ монда шавад [3, с.19].

Дар рисолаи хатм назарияи технологияи педагоги дар заминаи асархои олимон (В.П.Беспалько, Г.К.Селевко, М.В.Кларин), проблемахои маълумотнокшави ва компютеркунонии маълумот аз чониби (И.Г.Захарова, Б.С.Гершунский, Е.С.Полат, М.Ю.Бухаркина), асосхои дидактикии истифодаи технологияи компютери (Ю.К.Бабанский, Е.И.Машбиц, Л.И.Корнеева), асосхои хукукии истифодаи технологияи компютери (Дж.Кехир, К.Боврей, С.Тейлман, Дж.Смирс, Х.Порсдам, Б.Андересен, К.Сидери, Г.Весткемп, П.Д'Агостино, С.Конзелман) тачассуми худро ёфтаанд, ки ин дорои **ахамияти назариявии тадкикот** мебошад.

Самаранокии фаъолияти омӯзгор дар дарси забони олмонӣ аз рӯи истифодаи методу усул ва воситаҳои таълиму омӯзиш муайян мегардад.Омӯзгори бомаҳорат ҳарчанд ба мазмуни таълим ягон тағйироти ҷиддӣ ва назаррас ворид насозад ва дар мундариҷаи кори ӯ чизе ба чашм нарсад ҳам, ин гуна омӯзгор метавонад устоди кори худ бошад, зеро ӯ услуби хоси худро дорад ва ба ин васила метавонад дар пешбурди кори таълим ва самаранок гардонидани раванди омузиш саҳм гузорад, сониян омӯзгор дар ҳалли ҳама гуна мушкилоти толибилмон, аз ҷумла рафтору кирдор, шеваи гуфтор, хирад ва фаросат сарчашмаи илҳом ва манбаи таҳлиду омӯзиш маҳсуб мегардад.

Забон муҳимтарин воситаи алоќа дар байни одамон аст, ки бе он мавҷудият ва инкишофи ҷамъияти инсонҳ номумкин аст. Дар замони муосир фаќат донистани забони модарҳ кифоя нест, барои ҳамин дар мактабҳои миёна барои омўзиши забонҳои хориҷҳ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Забони хориҷҳ-фанни муҳими наќшаи таълимҳ буда, дар якчанд солҳо таълим дода мешавад, методикаи махсуси таълим ва маҳорати баланди касбиро аз муаллими дарсдиҳанда таќозо менамояд, лекин балад будан ба он машаќќатҳои зиёдро талаб менамояд. Бо он ки аз хонанда кўшишҳои камро талаб намекунад, ҳамчунин наќши муаллим низ бағоят

бузург аст. Барои он, ки заминаҳои мустаҳками асосноки алоќамандии хонандагонро бо забони хориҷӣ ташкил намояд, омӯзгорро зарур аст, ки барои беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати азхуднамоии хонандагон шаклҳои гуногуни дарс, методҳо ва воситаҳои ҳархелаи таълимро дар раванди таълими забони олмонӣ истифода намояд ва аз навтарин воситаҳои технологӣ пурсамар истифода кунад.

**Объекти тадкикот**иботат аст аз хусусиятхои ташкили раванди таълими хонандагон дар истифодаи маводи мултимеди.

**Предмети тадкикот-** хусусиятхои истифодаи маводи мултимеди дар раванди таълим ба хисоб меравад.

**Мақсади тадкикот** -тахлили хусусиятхои методии истифодаи маводи мултимеди дар инкишофи кори мустакилонаи хонандагон мебошад.

Вобаста ба максади тадкикот **чунин вазифахо** ба пеш гузошта шудааст:

1. Донистани забони хориҷӣ дар сатхи гуфтори равон;
2. Баланд бардоштани дараҷаи маълумотҳои гуманитарии хонандагон;
3. Андешидани тадбирхои зарури барои ташаккули шахсияти хонандагон дар ичрои корхои мустакилона;
4. Андешидани чорахои зарури барои дарёфти мавќеи иҷтимоии хонандагон дар шароити чахони бисёрзабона ва босуръат тагийрёбанда.

**Заминаи методологии тадкикот**. Дар халли проблемаи технологияи компютерии тахсилот олимони рус ва хоричи Г.Р.Громов, В.И.Гриценко, В.Ф.Шолохович, О.И.Агапова, О.А.Кривошеев, С.Пейперт, Г.Клейман, Б.Сендов, Б.Хантер сахми бузург гузоштаанд. Проблемахои гуногуни дидактикии компютеркунонии таълим дар асархои А.П.Ершов, А.А.Кузнетсов, Т.А.Сергеева, И.В.Роберт; проблемахои методи дар асархои Б.С.Гершунский, Е.И.Машбитса, Н.Ф.Талызина, проблемахои психологи дар рисолахои В.В.Рубтсов, В.В. Тихомиров акс гардидаанд.

**Моҳияти амалии тадкикот** ба он шаходат медихад, ки дар ҷаҳони муосир донистани забонҳои хориҷӣ бисёр муҳим ва зарурист. Дар айни замон забонҳои англисӣ, русӣ ва олмонӣ забонҳои байналмиллалӣ ба ҳисоб мераванд ва ќисми зиёди аҳолии ҷаҳон бо ин забонҳо гап мезананд. Аз рисола ашхосе, ки аз ин забонхо бархурдоранд, барои дар кори мустакилона окилона истифода намудани маводи мултамеди маълумот пайдо карда метавонанд.

**Методхои тадқиқот:**Дар раванди тадкикот доир ба истифодаи маводи мултимеди дар инкишофи кори мустакилонаи хонандагон методхои

- Методхои мушохида ва мукоисаи истифодаи маводи мултимеди дар таълим;
- омузиш ва чамъбасти тачрибаи пешкадами омузгорони эчодкор;
- тахлили холати кунунии омузиши забони олмони дар мактабхои точики чихати истифодаи маводи мултимеди дар инкишофи кори мустакилонаи хонандагон;
- тахлили сифати ва микдории коркарди мавод доир ба истифодаи воситахои мултимеди дар таълими забони олмони.

**Сохти кор:**Рисолаи хатм аз сарсухан, ду боб, шаш зербоб,хулоса ва феҳрести адабиёт дар ҳаҷми 58-саҳифаиборат мебошад.

# БОБИ 1. ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДӢ ДАР ОМУЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

## 1.1.Технологияи мултимедӣ имкониятҳои нав дар омӯзиши забони олмонӣ

Дар омӯзиши забони олмонӣ наќши технологияи компютерӣ бузург аст, зеро на ҳар як китоби дарсӣ ба талаботи имрӯзаи маориф ҷавобгӯ аст. Ҳангоми истифода аз барномаҳои компютерии таълимӣ зарур аст, ки истифодабарии он барои ҳар як хонанда ва гурӯҳи хонандагон санҷида шавад. Зеро пайдоиши технологияи компютерӣ маќсади наверо дар омӯзиши забони хориҷӣ ба миён меорад. Яъне донистани забон муоширатро тавассути почтаи электронӣ ва ҷустуҷӯи иттилоотро аз Интернет дар назар дорад. Аксари хонандагон чунин омилро ќайд кардаанд, ки бо пайдошавии Интернет имконияти муошират бо соҳибзабонон (олмониён) хеле афзуд ва чунин ҳолат ҳавасмандии онҳоро ба забони олмонӣ зиёд гардонид. Технологияи иттиолоотӣ ва коммуникатсионӣ ба ҳаёти ҳамарӯза ба таври ќавӣ дохил шудааст [5;с.37].Имрӯз ҷойи кориро бе мавҷудияти компютер ва васоити техникии ба он ҳамроҳ тасаввур кардан душвор аст. Тавассути компютер сигналҳои телевизион ва радиоро ќабул кардан мумкин аст; сабтҳои видеоиро тамошо кардан ва дискҳои CD-ро гӯш кардан мумкин аст. Инчунин ба воситаи компютер телефон кардан, факс фиристода, онро ќабул кардан осон аст. Бо Интернет пайваст шудан на танҳо тавассути сими телефон, балки ба воситаи сими телевизион, инчунин ба воситаи спутник ва ҳатто бо ёрии разеткаи электрикии маъмул алоќаманд гардидан мумкин аст. Ба воситаи компютер ва Интернет аз хона набаромада маҳсулоти заруриро низ харидан мумкин аст.Таѓйиротҳои номбаршуда ба глобализатсияи умумӣ дар сатҳи сиёсӣ, иќтисодӣ ва технологӣ вобастаанд. Онҳо на танҳо проблемаҳои нав, балки имкониятҳои навро ба миён меоранд.ке аз дастовардҳои муҳимтарине, ки дардаҳсолаи охир ба даст омад ва ба раванди таълим хеле таъсир расонд, шабакаи умумиҷаҳонии интернет мебошад. Барномаҳои таълимии мултимедӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон бе иштироки муаллим талаффузи худро сайќал диҳанд, грамматика азхуд карда шавад, ва инчунин «дорандаи забон» гӯш карда шавад. Муаллимони мактабҳо, ки бо компютер кор карда метавонанд, имконияти гирифтани маълумотҳои зиёдеро ба воситаи интернет доранд. Худ ба худ компютер

метавонад воситаи бузурги шавќзиёдкунанда аст, чунки хонандагон худ мехоҳанд дониши худро муккаммал намоянд. Хусусияти асосҳ ва фарќкунандаи компютер аз дигар васоити техникҳ имконияти ташкили муколама байни одам ва компютер ба воситаи барномаҳои муштарак мебошад [5,с.33].

Ҳамчунин омӯзгор саъй бар он дорад, ки дар симои ҳар як шогирди хеш шахсиятро бинад ва ташаккули одамияти ӯ тамоми дониш, малакаю маҳорат ва таҷрибаю ҳастиашро сарф намояд. Гузашта аз ин, омузгор дар ҳаёти гурӯҳ иштирокчии фаъол буда, ҳиссиёти хешро озодона баён менамояд ва фазои эҷодӣ муҳайё месозад. Ниҳоят, аз баски муошират воситаи асосии тарбия, асоси донишандӯзӣ ва инкишофт аст, бинобар ин баҳри самарабахш гаштани он омӯзгор дар ниҳоди хеш қобилиятеро инкишоф медиҳад, ки барои хуб нигоҳ доштани аќидаҳои толибилмон дар синф ёрӣ расонад ва ба фароҳам омадани муҳити солими ҳамкорӣ байни толибилмон, аз як тараф омӯзгору шогирдон, аз тарафи дигар мусоидат намояд. Новобаста ба пешравиҳои муайн барномаҳои яке аз душвориҳои асосии омўзиши забонҳои хориҷҳ имконияти маҳдуди муошират бо соҳибони забон ва истифодаи нутќи гуфтугўии ҳамон забон берун аз мактаб мебошад. Барои ҳамин вазифаи асосии муаллимон ташкили ҳолатҳои табиҳ ва мавҷудбудаи муошират бо истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолият дар дарсҳояшон мебошад [7, с.46]. Ҳамчунин, шинос намудани хонандагон бо арзишҳои фарҳангиву таърихии забони меомўхтаашон аҳамияти хос дорад. Барои ин ҳадафҳо маводҳои аудиоҳ-видеофилмҳо ва маводҳои гуногуи видеоҳ хизмати арзишманд мекунанд. Истифодаи онҳо барои амалисозии яке аз муҳимтарин талаботҳои методикаи коммуникативҳ-раванди омўзиши забонро ҳамчун азхудкунии фарҳанги зиндаи забони бегона муаррифҳ кардан, индувидуалҳ кардани омўзиш ва инкишофу асоснок кардани фаъолияти нутќи омўзандагон воситаи асосҳ мегардад [6,с.12].

Омӯзгор масъули асосии кори таълиму тарбия дониста мешавад. Аз нуқтаи назари К.Роҷерс вазифаи асосии омӯзгор сабук намудани

таълим ва баробари ин ҳавасмандгардонии толибилм ба раванди омӯзиш мебошад. Маҳорати муҳайё сохтани шароити мувофиқ, фароҳамории муҳити зеҳнию эмотсионалӣ ва дастгирии психологӣ дар синф аз ҷумлаи онҳоянд. Самаранокии фаъолияти омӯзгор дар дарси забони олмонӣ аз рӯи истифодаи методу усул ва воситаҳои таълиму омӯзиш муайян мегардад.Омӯзгори бомаҳорат ҳарчанд ба мазмуни таълим ягон тағйироти ҷиддӣ ва назаррас ворид насозад ва дар мундариҷаи кори ӯ чизе ба чашм нарсад ҳам, ин гуна омӯзгор метавонад устоди кори худ бошад, зеро ӯ услуби хоси худро дорад ва ба ин васила метавонад дар пешбурди кори таълим ва самаранок гардонидани раванди омузиш саҳм гузорад, сониян омӯзгор дар ҳалли ҳама гуна мушкилоти толибилмон, аз ҷумла рафтору кирдор, шеваи гуфтор, хирад ва фаросат сарчашмаи илҳом ва манбаи тақлиду омӯзиш маҳсуб мегардад.Ҳамчунин омӯзгор саъй бар он дорад, ки дар симои ҳар як шогирди хеш шахсиятро бинад ва ташаккули одамияти ӯ тамоми дониш, малакаю маҳорат ва таҷрибаю ҳастиашро сарф намояд. Гузашта аз ин, омузгор дар ҳаёти гурӯҳ иштирокчии фаъол буда, ҳиссиёти хешро оздона баён менамояд ва фазои эҷодӣ муҳайё месозад.Ба омўзгори замони муосир имконияти истифодаи васеи номгўи воситаҳои техникии омўзиш, ки дар байнашон аз ҳама дастрастар ва паҳншудатар ва ҳам универсиалҳ видеотехника ба ҳисоб меравад, ки имкон медиҳад, ки мо дар як вақт маводи омўзиширо ҳам дар шакли овозҳ ва ҳам видеоҳ пешниҳод намоем, қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи видео дар раванди омўзиш характери анъанавҳ доштани таълимро аз байн мебарад ва онро зиндатару шавқовартар мегардонад. Ҳамчунин истифодаи видео дар дарсҳо барои васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон ва бой намудани фонди луғавии онҳо заминаи мусоиду асосҳ мегардад[7, с.50].

Тарбия бошад маънояш фарохтар буда, таълим ва таҳсилотро пурра фаро мегирад, ки аз ин ҷо ҳам онҳо байни худ вобастагии зич ва ногусастанӣ доранд. Шартан ҷудо намудани вазифаҳои таълим, тарбия ва ташаккулдиҳӣ дар фаъолият амали омӯзгорон ҳангоми ба нақшадарории

вазифаҳо таълим дар машғулиятҳо аҳамияати хоса дорад. Маълумотнок будан ба маънии маҳдудаш аз худ намудани донишҳои илмӣ, такмили онҳо ва маҳоратҳои махсусро ба назар гирфтан аст. Донишҳои илмӣ дар худ ҳодисаҳо, мафҳумҳо, назарияҳо, қонуну қонуниятҳоро таҷассум менамоянд. Маҳорату малакаҳои махсус бошад танҳо маҳорату малакаҳои таълим ва соҳаи илмро дар бар мегирад. Масалан, аз физика ва кимиё маҳорату малакаҳоро оид ба ҳалли масъалаҳо, гузаронидани таҷрибаҳои лабараторӣ ва корҳои тадқиқотӣ фаро мегирад. Қайд намудан зарур аст, ки видеофилм ин на танҳо як сарчашмаи маълумотҳост. Истифодаи видеофилм инкишофи ҳаматарафаи психологии хонандагонро таъмин намуда, пеш аз ҳама, фаҳмиш ва хотираи онҳоро инкишоф медиҳад. Дар вақти тамошо дар синф муҳити идроки якҷояи фаъолият ба амал меояд. Дар ин шароит ҳатто хонандаи бетаваҷҷуҳ ҳам ботаваҷҷуҳ мешавад, зеро барои фаҳмидани моҳияти филм саъю кӯшиш ва фаҳмиш лозим аст. Ҳамин тавр, таваҷҷуҳи беихтиёр ба таваҷҷуҳи ихтиёрҳ табдил меёбад ва таваҷҷуҳ боиси таъсир дар бахотиргирҳ ва азхудкунҳ мешавад. Истифодаи воситаҳои гуногуни маълумотдиҳҳ дар сифатан ва моҳиятан баланд будани маълумотдиҳҳ таъсир мерасонад[15, с.83].

Аз давраи Эҳё сар карда то имрӯз, пешрафт дар илми таҷрибаомӯзӣнишон дод, ки дониши аслӣ ва фаҳмиши самаранок танҳо дар натиҷаи фаъолиятҳои шахсӣ ба даст меоянд. “Мактаб набояд хонандагонро аз муҳити фаъолият ба омӯзиши беихтиёронаи ҳисобот доир ба кашфиётҳои дигарон раҳнамун созад. Барои он ки хонандагон чизеро муайян кунанд, онҳо бояд бо ашё кореро ба анҷом бирасонанд ва ба шароит мутобиқ гардонанд. Дар фаъолияти амалии таълим омӯзиши проблемавӣ имконият медиҳад то муҳите муқарар шавад, ки дар он хонандагон бо азёдкуниҳои бефоида машғул набуда, балки доир ба проблемаҳо мулоҳизаронӣ кунанд. Дар чунинмулоҳизарониҳо метавонанд донишҳои то ҳол андӯхтаи одамият ёрӣ расонда, бо ҳамин дар таҷрибаи шахсии хонандагон фарҳанги ҷомеъа ворид мешавад.

Ҳамин тариқ, махсусияти психологии намоишдиҳии филмҳои таълимӣ ба хонандагон (қобилияти идораи таваҷҷуҳи ҳар як хонанда дар аудиториҳои гурўҳӣ, ба хотираи дарозмуддат таъсигузорӣ намудан, азхудкунии донишҳоро барои хонандагон осонтар кардан, таъсири эмотсионалӣ намудан ба хонандагон ва баланд бардоштани мотиватсияи омўзиш) раванди таълим сермаҳсул аст ва шароитҳои созгорро барои ташкил намудани робитаи маҳорату малакаи мактаббачагон муҳайё мекунад [9, с.280].

Табиатан видеофилм ба хонандагон таъсири эмотсионалии баланд расонида, ақидаҳои танқидии онҳоро ба чизи дидаашон ба вуҷуд меорад.Ва яке аз афзалиятҳои истифодаи видеофилм тасвири бевоситаи ҳақиқати мавҷуда, тарзи махсуси муоширати баранда бо тамошобинон, арзёбии холисонаи маълумотҳо, фасоҳат ва хушоҳангӣ, мавҷудияти мусиқӣ ва ғайраҳо мебошад[70, с.35].

Қайд намудан зарур аст, ки видеофилм ин на танҳо як сарчашмаи маълумотҳост. Истифодаи видеофилм инкишофи ҳаматарафаи психологии хонандагонро таъмин намуда, пеш аз ҳама, фаҳмиш ва хотираи онҳоро инкишоф медиҳад. Дар вақти тамошо дар синф муҳити идроки якҷояи фаъолият ба амал меояд. Дар ин шароит ҳатто хонандаи бетаваҷҷуҳ ҳам ботаваҷҷуҳ мешавад, зеро барои фаҳмидани моҳияти филм саъю кўшиш ва фаҳмиш лозим аст[15, с.120].

## 1.2.Асосҳои педагогӣ ва психологии таълими забони олмонӣ дар истифодаи технологияи мултимедӣ.

Дар давраи шурави ҳар як шахс медонист, ки ў таълими бепул мегирад ва мувофиқи таҳсилоти гирифтааш аз рўи роҳхат кор мекунад. Аз хонандагон талаб карда мешуд, ки ҳамаи талаботҳои омўзгоронро иҷро намоянд. Омўзгор мутахассис ва намояндаи давлат ба ҳисоб мерафт. Ба ў бовар карда мешуд, ки ў ба фарзандони халқ таълиму тарбия диҳад. Хонандагоне, ки дарсҳоро бо муваффақият аз худ мекарданд, онҳо минбаъд

дар мактабҳои олҳ таҳсил намуда, маълумотнок гардида, макони сазовори худро дар ҳаёт ба даст меоварданд. Барои талабагони дарсгурез ва бадхон дар он давра сотсиализатсия (мутобиќат бо шароит) мушкилоти асосҳ ба ҳисоб мерафт, аз ин тибќи идея ва асарҳои педагоги машҳур Ян Амос Коменский заминаи назариявии худро ёфтааст. Маҳз Коменский дар заминаи принсипҳои тасавуроти табиат, системанокҳ, пайдарпайҳ, дастрасҳ ва устуворҳ, алоќаи назария бо амалия  ва ѓайра раванди таълимро муќаррар кардааст. Маҳфумҳои синф, дарс, танаффус, таътил, соли таҳсил, ҷадвали дарси низ аз ҷониби ў муќаррар карда шудааст. Бино ба фаҳмиши Коменский синф гурўҳи кудакони синну соли якхела мебошад, ки дараҷаи инкишофи онҳо тахминан баробар аст. Ва онҳо дар як ваќти муайян бо ягон фаъолияти муайян машѓул мешаванд, яъне онҳо дарс меомўзанд. Дар як синф метавонад аз 15-20 то 50 нафар талаба нишинад ва ба он омўзгор чун ба як нафар талаба дарс мегузарад, ки ин хароҷоти давлатро барои таҳсил хеле кам мекунад. Маълум аст, ки дар чунин таҳсилоти оммавҳ тартибу интизом ҷои асосиро ишѓол мекунад.Ҳамин тариќ дар Европа аз руи системаи мазкур ва аз руи китоби дарсии алоҳида садҳо сол дарс мегузаштанд. Аз руи чунин метод ва система ҳар як омўзгор рузе 5-6 дарс дошт, миќдори чунин дарсҳо дар як ҳафта 25-30 соат, дар як моҳ 100-120 соат ва дар як сол зиёда аз 1000 соатро ташкил медод. Баъди 10-15 сол омўзгор ба робот мубаддал  мегашт. Дар мактаб роботи дигар ин завуч аст, ки фаъолияти ҳар як муаллимро таъќиб мекард, то ки он ќоидае, ки 450 сол пеш муќаррар карда шудааст, вайрон нагардад. Дар натиҷа хусусиятҳои фаъолиятнокҳ, эҷодҳ ва инкишофи шахсияти талаба ба эътибор гирифта намешуд. Лекин шахсони вазифахоҳ, фармонбардор, ки ҳар як супоришро бечуну чаро иҷро мекарданд, зиёд буд[6, с.74].

Дар асрҳои 19 як ќатор педагогҳо, аз ҷумла, Достоевский чунин шакли таҳсилро зери танќид гирифтааст. Тавре ки Достоевский ќайд кардааст, чунин намуди таълим ба он равона карда мешуд, ки ба талаба мувофиќи талаботи ҷамияти ҳамонваќта таълиму тарбия дода шавад. Лекин хоҳиши

талаба, ки оё ӯ чунин таълимро гирифтан мехоҳад, сарфи назар карда шуда буд[17, с.131].

Илми педагогикаи муосир ба як дараҷаи муайяне ба гуманизим алоќаманд аст, ки он асосҳои худро аз давраи эҳё - асрҳои 15 сарчашма мегирад. Педагоги бузурги Олмон И.Г.Песталотси идеяи педагогигикаи гуманистиро бо зарурияти равияи фаъолиятнокҳ, дастрасҳ ба асосҳои психологии таълим ва инкишоф, исботи муҳимияти ба ҳисоб гирифтани психологияи кӯдакро дар таълим илова намудааст. Песталотси асоси фаъолияти бомувафаќќиятро дар се унсури инсон «калла (майна), дил ва даст» медонад.

Дар нимаи дуюми асри 20 дар Россия як ќатор педагогҳое ба миён меоянд, ки барои татбиќи таҳсилоти такомулҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд (В.Ф.Шаталов, Ш.А.Амонашвили, С.Н.Лысенкова, Е.Н.Ильин, М.П.Щетинин, П.М.Эрдниев, Л.С.Выготский, Л.В.Занков, Д.Б.Эльконин, В.В.Давыдов ва ғ.). Ин самт «Педагогикаи ҳамкорҳ» ном гирифта, хонанда субъекти мустаќили худинкишофёбанда ба ҳисоб меравад, ки ќобилияти ҷусуҷӯ, азхудкунҳ ва истифодаи донишро вобаста ба завќу раѓбати хеш доро мебошад. Омӯзгор дар ин маврид мушовири хонанда дар роҳи худинкишофёбҳ ба ҳисоб меравад. Доир баравияи мазкур олимон К.Р.Роҷерс ва А.Г.Маслоу далелҳои психологиро пешниҳод кардаанд. Мафҳумҳои пешкашнамудаи онҳо: худтатбиќшавҳ ва худинкишофёбҳ барои моделҳои таълимоти такомулҳ ва инкишофи шахс калиде гардидаанд.

Маҳфуми муносибатҳои методологҳ аз руи нишондоди профессор Данилов М.А. системаи донишҳо оид ба сарчашмаи маълумот, доир ба структураи назарияи педагогҳ, оид ба принсипҳои муносибат ва роҳҳои ба даст овардани дониш дар муассисаҳои таълимҳ мебошад. Муносибатҳои методологҳ дар навбати худ ба муносибати инкишофи шахсият, муносибати фаъолиятнок, муносибати босалоҳият, муносибати эчодҳ ва вобаста ба шароит тез таѓирёбанда, муносибати комуникативҳ ҷудо мешаванд.

Маќсади асосии  методология ҳамчун раҳнамо мусоидат кардан дар ташкили ҷараёни тадќиќот ва ба роҳ мондани фаъолият мебошад.

Таҳти мафҳуми «муносибат» ё «равия» чунин амалиётҳо фаҳмида мешавад.

1. Муносибат ин маҷмӯи роҳу усулҳое, ки барои омӯзиши забони хориҷӣ истифода мешаванд.

2. Муносибат ин самти методологии омӯзгор мебошад, ки ӯ истифодаи донишҳои муайянро дар донишҷӯён ва истифодаи маҳфуму усулҳои фаъолияти педагогиро дар таълим ҷорӣ мекунад.

3. Муносибат категорияи ҷаҳонбиние мебошад, ки дар он нишондодҳои иҷтимоийи субъектҳои таълим ҳамчун инъикосгари шуури ҷамъиятӣ таҷассум меёбанд[25, с.95].

Мавҷудияти муносибатҳои гуногун  ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ӯ барои шавќовар ва самаранок ташкил намудани раванди таълим аз ин ё он намуди муносибат истифода барад. Бинобар сабаби он, ки интихоби ин ё он муносибат ё равия дар раванди таълим душворӣ меорад, аксар методистон истифодаи якчанд равия ё муносибатро пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, муносибати системанок, муносибати босалоҳияту пурфаъолият, муносибати технологӣ ва ғ.Барномаҳои таълимии компютерӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ хеле афзалиятҳои зиёд доранд. Онҳо имконияти машќи намудҳои гуногуни фаъолияти нутќиро фароҳам оварда метавонанд ва метавонанд онҳоро дар таркиботи гуногун омехта кунанд, барои дарки ҳадисаҳои забонӣ ёрӣ мерасонанд, малакаҳои забониро ташаккул диҳанд, ҳолатҳои муоширатиро фароҳам оваранд, фаъолияти нутќӣ ва забониро худкор гардонанд ва инчунин амалӣ гардонидани муносибати инфиродиро дар иҷрои кори мустаќилонаи хонандагон таъмин мекунанд. Амалан барои ҳар кадом ќисмати дастурамал метавон маводеро аз барномаҳои мазкур интихоб намуд ва ҷузъе аз онро дар дарс ҳамчун маводи иловагӣ барои шиносоӣ бо маводи лексикӣ ва грамматикии нав, коркарди талаффуз, дар таълими муколама, хониш, навиштор ва инчунин барои санҷиши донишу махорати

хонандагон истифода бурд[18, с.34]. Тавре ки то имрӯз идома дорад, симои асосӣ дар дарс омӯзгор ба ҳисоб меравад.Бар хилофи толибилмон, ки аксар вақт ороманд ва фаъолияти баланди маърифатӣ нишон медиҳанд, омузгор серғайрат ва фаъол аст,яъне савол мегузоранд, нақл мекунанд, нишон медиҳад,сӯҳбат мерояңд, кор мекунанд ва ғайра.Фаъолии толибилмон танҳо аз гӯш кардани нақл ё сухани омӯзгор иборат асту бас.Ба корҳои мустақилонаи хонандагон тамоман эътибор дода намешуд.Аниқтараш,дар дарсҳо толибилмонро ба омӯзиши мустақилона ҳидоят намекунанд.Онҳоро мустақилона фаъолияти баланди маърифатӣ нишон намедоданд. Дарс на дар заминаи тафаккур,балки дар асоси хотир ба роҳ монда мешуд.Аз ин рӯ, он наметавонист ба равнақи тафаккур мусоидат карда,боиси рушди қобилиятҳои эҷодии толибилмон гардид. Дар метавонад дорои мақсаду вазифаҳои мушаххас бошад.Сохтори он ба мазмун,метод ва усулу тарзҳои таълим, ки дар раванди дарс истифода мешаванд,вобастаги дорад.Нисбат ба аудио ва матнҳои хаттҳ, ки метавонанд арзиши баланди сарчашмавҳ, маълумотдиҳҳ, тарбиявҳ, инкишофдиҳандагҳ дошта бошанд, видеотекст афзалиятеро дорад, ки дар худ шаклҳои гуногуни ҷиҳатҳои ҳодисаҳои нутќро инъикос мекунад. Ѓайр аз ин, видеотекст маълумотҳои визуалиро дар бораи ҷойи ҳодиса, намуди зоҳирҳ ва рафторҳои ѓайриихтиёрии иштирокчиёни воќеа дар ҳолатҳои муайяни бисёр ваќт ба хусусиятҳои синнусолҳ, ҷинсҳ ва махсусияти психологии шахсияти гӯянда асоснокшударо дар худ дорад[20, с.65].

Як гурӯҳ воситаҳои таълим барои баландбардорҳ ва фаъолсозии раванди омӯзиш заминаҳоро фароҳам меоранд. Ќисми зиёди методҳо ва воситаҳои омӯзиш дар забонҳои хориҷҳ истифодаи дастгоҳҳои махсус барои сабти овоз, гӯш кардани овози сабтшуда ва дар айни замон ба амал овардани таҷрибаҳои шифоҳҳ дар воситаҳои лингафониро талаб менамоянд[19, с.92].

Дастгоҳҳои мазкур метавонанд ё ба таври доимҳ насб шуда бошанд, ё дар ваќтҳои зарурҳ ба кабинети омӯзиши забони олмонҳ оварда шаванд.

Дар аксар мактабҳо кабинетҳои воситаҳои техники таълим (ВТТ) мавҷуд аст, ки дар онҳо бо ёрии лаборант филмномаҳоба намоиш гузошта мешаванд. Коркарди талаффузи калимаҳо, ки ба фонограммаи филми таълимҳ пайваст аст, бо ёрии машќҳои дуҷузъаи имитатсионҳ дар сабтҳои магнитҳ, ташкили наќшаи шифоҳии фонограммаи гўшкардашуда, санҷиши фаҳмиши матни гўш карда бо ёрии машќҳои магнитофонии паузадошта, мубодилаи афкор байни хонандагон доир ба филми таълимии дидашуда ва ғайраҳо воситаҳое мебошанд, ки барои баланд бардоштани ќобилият ва дониши хонандагон имконият медиҳанд. Муҳим ин аст, ки дар истифодаи воситаҳои таълимҳ-методҳ тамоми хонандагон ба фаъолият водор карда шаванд. Инро наметавон дар синфи кинонамоишдиҳиибидуни
воситаҳои лингафонии аудиоҳ ташкил намуд. Дар он синфхонаҳо фаќат метавон ҳамон шаклҳои анъанавии таълимиро истифода кард, мисли кори гурўҳии хонандагон, наќли пайдарҳами хонандагон ва ғайра. Самаранокии тамошои филномаҳои таълимҳ дар синфхонаҳо нисбат ба лабараторияҳои лингофонҳ дар сатҳи паст аст, зеро дар синфхонаҳои лингофонҳ ҳар як хонанда метавонад барои шаклдиҳҳ, такмил ва ислоҳи монологии нутќи худ дар асоси тамошои филм кўшиш ба харҷ диҳад[22, с.61].

Филмнамоишдиҳҳ дар омўзиши фанҳои гуногуни таълимҳ васеъ паҳн шудааст. Ҳамчунин ин воситаест, ки барои омўзиши забонҳои хориҷҳ саҳми калон дошта метавонад. Ин тавассути филмномаҳо (ҳуҷҷативу таълимҳ), ки аниќ ва даќиќ инъикоскунандаи ҳаќиќати воќеҳ ҳастанд, ба амал оварда мешавад, зеро филмномаҳо таасссурот ва тасаввуроти хонандагонро дар бораи рўйдодҳо ва воќеоти ҷаҳони воќеии мо доир ба ин ё он фан мукаммал месозанд.

Воситаҳои овозҳ дар таълим ва омўзиши забонҳои хориҷҳ наќши калидиро мебозанд. Бо ёрии онҳо дастовард ва пешрафтҳои хонандагон дар нутќ(аксент), шунавоии фонематикияшон инкишоф меёбад ва ҳофизаи шунавоии онҳо васеъ ва мустаҳкам мегардад. Воситаҳои овозҳ барои

сохтани шаклҳои овозии калимаҳо, инкишофи маҳорат ва малакаҳояшон дар сабти аудиоҳ ва васеъ кардани диапазон хизмати шоиста мекунанд.

Ҳамзамон самаранок гаштани фаъолияти таълимии толибилмон аз ҷорӣ кардани технологияи навини педагогӣ ва истифодаи методу усулҳои самаранок дар раванди таҳсилот вобаста аст. Бояд зикр намуд, ки дар ҳама давру замонҳо онҳое, ки пешаи омӯзгориро муқаддас меноманд ва худро омӯзгори ҳақиқӣ меҳисобанд, нисбат ба қисмати шогирдонашон бепарвоӣ ва бемасъулиятӣ накарда, ҳамеша бо мақсади самаранок гаштани фаъолияти таълим, пурсамар аз худ кардани маводи омӯзиш ва пешравии толибилмон дар таҳсилот ҳамчун омӯзгорони пажӯҳишгар ва навовару эҷодкор методҳо ва роҳу усулҳои самараноки таълиму омӯзишро ҷудо мекарданд ва кор карда мебаромаданд. Ин тоифаи омӯзгорон ниҳоят боҷурату фаъол ва соҳиби иродаи қавӣ буда, нисбат ба худ серталабанд ва дар пешаи омӯзгорӣ мавқеи устувор ва диди шахсӣ доранд. Иштирок дар барномаҳои гуногуни байналмилалҳ, имконияти омӯзиш дар хориҷа нафаќат дониши баланди забони хориҷиро талаб мекунад, инчунин хусусиятҳои муаяни фард, монанди муоширатҳ будан, садди забонҳ надоштан, донистани меъёрҳои ахлоќи байналхалќҳ, ҷаҳонбинии васеъ ва ќобилияти зоҳир кардани худро низ мехоҳад. Чҳ тавре ки маълум аст, ҳангоми гузаронидани тестҳои гуногун ҳангоми дохил шудан ба мактаби олҳ ё иштирок дар озмунҳову олимпиадаҳо ҳудуди даќиќу ҳатмии ваќт барои иҷрои ҳар як машќ муќаррар карда мешавад, ки ин як навъ тайёрии махсусро низ мехоҳад. Дар даҳ соли охир дар мавќеъ ва маќоми компютерҳои фардҳ ва технологияи ахборотҳ дар ҳаёти мардум таѓйиротҳои ҷиддие ба вуҷуд омаданд. Дар замони ҳозир бо технологияи ахборотҳ муҷаҳҳаз кардани низоми маориф яке аз самтҳои афзалиятноки бозсозии он мебошад.Фарќияти низомҳои репетиторҳ барои хонандагони синни хурди мактабҳ дар он мушоҳида мегардад, ки ҳангоми даќиќан муайян намудани ҳадаф, маќсад ва муҳтавои дарс таъсири роҳнамоҳ, ҳам аз тарафи компютер ва ҳам аз тарафи хонанда мушоҳида мешавад. Ҳамин тариќ, низомҳои репетиторҳ як навъ муносибати

муштараки хонандаву компютерро дар доираи муайяни замонҳ таъмин мекунанд. Алоќаи баръакс на фаќат ҳангоми санҷиш, балки дар рафти омўзиш низ барќарор карда мешавад, ки ҳамчунон ба хонандагон дар боари равани донишандўзҳ маълумоти объективҳ медиҳад. Моҳиятан низомҳои репетиторҳ дар заминаи ҳамон ѓояҳои таълими барномавҳ роҳандозҳ шудаанд, фаќат имкониятҳои муносибати муштарак бо компютери фардҳ дар ин ҷо ба таври назаррас зиёданд.Бояд таъкид намуд, ки чунин иртиботи дуҷониба дар нкишофи сатҳи муносибат вобаста ба баланд рафтани сатҳи мавзўи дарс ќувват мегирад [22, с.142].

Маълум аст, ки муколама бо компютер як ибораи фарзҳ аст. Ба барномаи компютерҳ пешакҳ он шохаҳои барномавие пайваст карда мешаванд, ки ба тариќи онҳо раванди шавќманд гардонидани истифодабарандаи он мегузарад. Агар хонанда ба ҳамон шохаи муайян надарояд, компютер худаш «луќма» медиҳад, ки ў ба шохаи даркорҳ нагузашааст, яъне шохаи дигарро интихоб намудааст ва бояд аз нав корро оѓоз намояд ё ба шохаи даркорҳ гузарад.

Албатта, барномасоз дуруст рафтор мекунад ва низоми «луќмаҳо»-еро, ки ҳар гоҳ дар байни барнома пайдо мешаванд ва истифодабарандаро ба роҳи дуруст ва шохаи даркорҳ раҳнамун мешаванд, ба тартиби дуруст мегугузорад, ки ўро ба давом додани кор ташвиќ кунанд. Диалог бо компютер, аниќтараш бо ҷараёни ахбороти барномарезишуда, амалан вуҷуд дошта наметавонад. Аз нуќтаи назари дидактикҳ «тартиби диалог» фаќат ба ҷойивазкунии ё пайдарҳамҳ ва ё ҳаҷми маълумот оварда мерасонад. Ҳамин хусусият имкониятҳои маълумоти дар хотираи компютер сабтшударо зиёд мекунад. Муколама - ин тазоди диалектикии фаннии дар муоширати педагогҳ амалишудае мебошад, аммо ин тазодро ҳатто мошинҳои аз ҳама муоситарин низ азхуд карда наметавонанд, онҳо усулан ќобияти чунин корро надоранд. Мошин барои ахбороти тазодноки дохилкардашуда баҳои «ду» мегузорад [67, с.134].

Ин он маъноро дорад, ки компютер, ба ҳайси воситаи амалҳ намудани ҳадафҳои инсонҳ баромад карда истода, раванди эҷодиро иваз карда наметавонад, онро аз хонандагон намегирад. Истифодаи намуди мошинии ин ё он ҳолатҳои фаннҳ ҷанбаҳои то ҳол дастнораси онро мекушояд, доираи ҷустуҷўи вариантҳои ҳалли масъала ва дараҷаи онҳоро васеъ мекунад. Зиёд шудани миќдори ҳадафҳои истифодабарандагон мушоҳида мешавад, асолати шаклбандии онҳо ба назар мерасад. Дар раванди кор механизми идоракунҳ ва назорати фаъолият аз нав таѓйир дода мешавад, сабабу боиси он шаклашро иваз мекунад. Хусусияти онҳо чунин муайян карда мешавад, ки то чҳ андоза барномасоз мушарраф гардидааст, ки дар барномаи таълимҳ имконияти фаъолияти инфиродиро ҷой кардааст ва ќонуниятҳои фаъолияти таълимиро ба назар гирифтааст. Фардигардониро яке аз афзалиятҳои омўзиши компютерҳ медонанд. Ва дар ҳаќиќат ҳам чунин аст, агарчи фардигардонҳ маҳдуди имкониятҳои мушаххаси барномаи таълимҳ мебошад ва аз барномасоз меҳнати зиёд талаб мекунад. Аммо он ѓояи фардикунонҳ, ки ба ҷорҳ намудани васеи истифодаи компютерҳои фардҳ алоќаманд аст, тарафи баръакси худро низ дорад. Фардикунонҳ маҳдуда ва норасоии муоширатро ба миён меоварад ва онро бо диалог бо КФ иваз менамояд. Дар ҳаќиќат, кўдаки аз лиҳози муошират фаъол ба мактаб рафта, асосан омўзгрро гўш мекунад ва мавќеи ҷавобдиҳандаро гирифта, дар дарс танҳо дар он лаҳзае сухан мекунад, ки аз ў савол карда шавад ё ўро «ба тахта» ҷеѓ зананд. Ҳисоб карда шудааст, ки хонанда дар тўли як соли хониш ҳамагҳ чанддаҳ даќиќа сухан мекунаду халос, дигар ҳамеша хомўш нишаста, ахборот ќабул мекунад. Дар усулҳои анъанавӣ омўзгор накши “полоишдиҳанда”-и, мазмуни донишҳоро мебозад. Алоқаи байни хонандаю муаллим ва байни худи хонандагон дар азхудкунии дониш оид ба ягон соҳаи муайян, дар усулҳои анъанавӣ ба таври пассивона сурат мегирад. Усулҳои ҳамфаъоли омӯзиш бошад, дар алоқаи бевоситаи хонандагон бо мавзӯю мазмуни  маводи омӯхташаванда мегузарад ва дар ин ҳолат омузгор дониши тайёрро пешниҳод накарда хонандагонро барои мустақилона аз худ

кардани он водор месозад. Усулҳои ҳамфаъоли омӯзиш тағйиротҳоро дар фаъолиятҳои ҳамҷояи хонанда ва омӯзгор дар назар дорад. Фаъолнокии муаллим ба фаъолнокии хонандагон ҷой дода, вазифаи ӯ тайёр кардани шароит барои азхудкунии мустақилона мебошад. Диалог бо компютер, аниќтараш бо ҷараёни ахбороти барномарезишуда, амалан вуҷуд дошта наметавонад. Аз нуќтаи назари дидактикҳ «тартиби диалог» фаќат ба ҷойивазкунии ё пайдарҳамҳ ва ё ҳаҷми маълумот оварда мерасонад. Ҳамин хусусият имкониятҳои маълумоти дар хотираи компютер сабтшударо зиёд мекунад. Муколама - ин тазоди диалектикии фаннии дар муошират педагогҳ амалишудае мебошад, аммо ин тазодро ҳатто мошинҳои аз ҳама муоситарин низ азхуд карда наметавонанд, онҳо усулан ќобияти чунин корро надоранд. Мошин барои ахбороти тазодноки дохилкардашуда баҳои «ду» мегузорад.

## 1.3.Нақши маводи мултимедӣ дар таълими забони олмонӣ.

Раванди таълим фаъолияти мақсадноки пайдарпай ва тағйирёбанда аст, ки амалиёти алоқамандонаи омӯзгору толибилмро дар бар гирифта, дар рафти дарсҳои забони олмонӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи толибилмон ҳалли худро меёбанд. Дар навбати худ инкишофи ҳамаҷонибаи толибилмон ягонагии маълумотнокӣ, маънавиёт ва инкишофи умумиро дар назар дорад.Ҳамаи ин қисматҳо инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро тавассути мустаҳкамшавии донишҳо, ҳосил гаштани маҳорату малакаҳо,баамалоии тарзҳои нави муносибат, дараҷаи ташаккули сифатҳои шахсият, инкишофи ҷиҳатҳои психологии шахс таъмин менамояд.Раванди таълим дорои вазифаҳо мебошад таълим, тарбия,инкишоф. Дидактикаи муосир таъкид мекунад, ки вазифаи таълим на танҳо аз ташаккулдиҳии дониш, маҳорат ва малака иборат аст, балки он новобаста аз вазифаи маърифатиаш дар тарбияи шахсият ва сифатҳои инсонӣ пайдо кардани толибилм низ нақши амиқ дорад. Бояд қайд кард,ки ҳудуд ё масофаи байни таълим,тарбия ва ташаккулёбӣ ба маънои томаш нисбӣ мебошад. Баъзе ҷиҳатҳои онҳо ба ҳам

алоқамандaнд. Зимнан, дар ин масъала ҳарду паҳлӯи маориф- ҳам таълим ва ҳам тарбия дар назар дошта шудааст. Ба ҳамин хотир, барои амалигардонӣ ва истифодаи васеи он пеш аз ҳама он олимону педагогҳое баромад мекунанд,ки дар таълиму рушди хонандагон тарзи фикрронии мустақил эҷодкорона ва илмиро арзиши асосӣ меҳисобанд [20, с.123].

Аз нуқтаи назари психологӣ проблемавӣ фаҳмиши хонандаро байни донишҳои мавҷуда ва донишҳои зарурӣ барои ҳал кардани масъалаи додашуда тавлид мешавад. Бидуни чунин фаҳмиш, эҳтиёҷ барои ҷустуҷӯ пайдо намешавад. Масъалаи ниҳоят мушкил ё масъалаи ниҳоят сабук барои хонандагон вазъияти проблемавиро ба миён намеоварад. Ҳар як фан дорои вазифаҳои маҳдуди худ, воситаю объектҳои тадќиќоти худ мебошад.Бояд гуфт, ки ҳамаи илмҳо барои ҳалли як масъала, донисташавии дунёи материалӣ равона карда шудааст. Асосҳои методологии методикаи таълим фалсафаи диалектики ва таърихҳ ба ҳисоб меравад. Донистани ќонунҳои асосии материализми диалектики ба олимони методист ва муаллимон имконият медиҳад, ки онҳо моҳияти таълими забони хориҷиро дар мактаб возеҳу равшан фаҳмонида тавонад.Яъне вобаста ба асосҳои диалектика протсесси таълимии забони хориҷҳ ҳамчун системае, ки ба он ҳамаи омилҳои таълим алоќаманданду вобастаанд, таҳлил карда мешавад. Чунин система мунтазам дар ҳаракат аст,он усулҳои кӯҳнаю бесамарро барои шароити нва иваз мекунад.Методи диалектики алоќаи мустаҳками шаклу мазмун, назарияю амалияро таълим медиҳад, киин барои муаллими забони хориҷҳ хеле муҳим аст. Барои азхудкунии матни хаттҳ ва даҳонҳ муаллим бояд мунтазам шаклҳои кори истифода кунад, то ки хонандагон матнро наѓзтар аз худ карда тавонанд. Ба комёбиҳо ноил гардидани муаллим ба он вобаста аст, ки маҳорату малакаҳои нутќи хонандагон ба чи андоза инкишоф ёфтаанд, яъне хонандагон забони хориҷиро ба кадом дараҷа аз худ кардаанд.Ба ҳамин тариќ мувофиќи методҳои диалектикуаллим бояд проблемаҳои актуалию рӯзмарaро дуруст ба роҳ монад ва ҳал кунад.

Инчунин ӯ бояд роҳу методҳои самараноки тадќиќотиро муайян намояд[33, с.131].

Натиҷаи тадќиќот ва таҷрибаи беҳтарин муаллимони мактабҳо нишон медиҳанд, ки барои он, ки истифодаи дастурҳои намоишҳ ҳангоми дарс дар ҳаќиќат барои таълимро самаранок гардонидан бояд шартҳои зерин амалҳ гарданд: мавҷудияти маҷмӯи васоити техникҳ ва дастурамалҳо барои онҳо дар мактаб, донистан аз тарафи муаллим фонди дастурамалро, банаќшагирии дуруст ва истифодаи он, интихоби маҷмӯаи дастурамалҳои таълимҳ, аз ҷумла намоишҳ, ки ба муаллим барои ҳалли масъалаҳои ҷудогона кӯмак мерасонад, ва дар охир, тайёрии методиву техникии муаллим мебошад.Санҷиш, чи тавре ки аён аст, ќисми ҷудонашавандаи раванди таълим мебошад ва вазифаи алоќаи дутарафаро миёни хонандагон ва муаллим иҷро мекунад.Таълим бо истифодаи васоити компютерҳ ба гурӯҳи методҳои шиддатнок мансуб аст, аммо истифодаи сохторҳои гиперматнии маводи таълимҳ имконият медиҳад то системаи кушоди таълими шиддатнок ташкил шавад. Таълим фасеҳ мешавад, ки ба наќшаи таълим ва маҳфилҳои ҳатмии синфҳ вобастагҳ надорад.Наќши муаллим вобаста ба дараҷаи мукаммалии технологияҳо бештару бештар ба роҳбарии раванди таълим бурда мерасад, аммо ин таъсири онро ба фаъолияти даркҳ кам намекунад ва онро дар аз доираи раванди таълим намебарорад [23, с.164-165].

Таълим – раванди мураккаб ва бисёрзинаи ташаккули хусусиятҳои касбҳ ва шахсҳ мебошад, аммо муоширати зинда дар раванди тарбияи шахсият асоси мавҷудияти ҷамъияти инсон мебошад.Истифодаи системаҳои машќҳ бештар дар мактаби асосҳ барои коркард ва мустаҳкамкунии маҳорату малака муфид мебошад. Дар инҷо барномаҳои намуди санҷишҳ-машќҳ истифода мешаванд: ќадам ба ќадам хонандагон маълумоти муайянро мегиранд, ки ба роҳи дуруст баён кардани донишҳои азхудкарда оварда мерасонад. Чунин барномаҳоро метавон ба намуди барномаҳои урфии таълим мансуб донист. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки то

амрро ќабул намуда ба он ҷавоб гардонанд, маводи тайёри барои маќсади чунин шакли таълим пешбинишударо такрор ва аз худ кунанд.

Вазифаҳои номбурда, агар муаллим принсипҳои номбурдаро риоя кунад, сохтори раванди таълим беҳтар мегардад.Барои ин шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимҳ лозиманд, ин ҳам корҳои фронталҳ барои азхудкунии донишҳои муҳим, корҳои гурўҳҳ ва ё ҷуфт барои азхудкунии малакаҳои муайяни таълимҳ, бозиҳои дидактикҳ ва ѓ. Таҷрибаи кор дар ин самт бо сабабҳои аниќ ҳоло кам аст, дар муддати кўтоҳ аз худ кардани синфи компютерҳ муаллим мехоҳад аз сабаби хурсандҳ аз он самараи биёстаре дар муддати кўтоҳ гирад. Барои ҳамин омўзгор ҳангоми хоҳиш доштанаш ҳамеша имконияти истифодаи маводи саҳеҳро, ё барои хонандагони алоҳидаи гурўҳаш ё барои гурўҳи муайян, пайдо карда метавонад. Маводҳоро барои дарсҳои забони хориҷҳ ва курсҳои пурраи омўзиширо дар мамалакати мо ва дар аксари мамлакатҳои дигар метавон барои ҳама намуди хонандагон пайдо кард.

Имкониятҳои истифодаи технологияи мултимедиро (компютерро) барои омўзиши забони олмонҳ шартан ба 3 категория ҷудо кардан мумкин аст:

1.Компютер тавре ба программа дароварда мешавад, ки он ба амалиётҳои алоҳидаи истифодабаранда аҳамият дода, миќдори миќдори бузурги иттилоотро коркард карда, онро ба ќисматҳо ҷудо мекунад.

2.Компютер имконият медиҳад, ки маълумот ҷустуҷў гардида, ба хотира гузошта шуда, коркард карда шавад. Масалан, истифодабаранда тавассути клавиатура метавонад матнро чоп кунад, онро таҳрир намуда, ба сабти аудио ё видео пайваст кунад, чоп кунад, онро дар диски сахт, дискет, CD-ром ё DVD сабт намояд ва бо почтаи электронҳ ба ҷойе фиристад.

3. Компютерҳо бо шабакаҳои минтаќавҳ ва байналмиллалҳ пайваст гардида имконият доранд, ки дилхоҳ маълумотро ба даст оранд.

Ба воситаи компютер раванди хеле мураккабро автоматҳ кунонидан мумкин аст. Тавассути компютер вазифаҳои омўзгор ва машѓулиятҳои

аудиторӣ иваз карда мешаванд.Худомӯзҳои компютерӣ. Алҳол дар бозори маҳсулоти мултимедӣ миқдори зиёди воситаҳои худомӯзӣ дар шакли CD-ром мавҷуд аст, ки дар он курсҳои гуногун барои омӯзиши мустақилонаи забони олмонӣ бо матну машқҳои таълимӣ пешкаш мегарданд.

Худомӯзи электронӣ чунин имкониятҳоро пешниҳод менамояд:

1. тартиб додани барномаи фардии таълим вобаста ба завқ ва имкониятҳои хонандаи мушаххас;

2. ҳангоми таълим истифода намудани матнҳое, ки худи хонандагон интихоб намудаанд (масалан, мақолаҳо аз рӯзнома, мактубҳо ва ғайра);

3. ҳамкорӣ бо дигар хонандагон;

4. шаклҳои таҳрир (масалан, зери хатоҳохат кашидан, зери хато хат кашида онро ислоҳ кардан, зери зхато хат кашида онро эзоҳ додан).

**Хулосаи доир ба боби якум.**

Гузаштан ба технологияи нави таълим асосан аз солҳои 90-уми асри 20 оғоз ёфтааст. Яъне моҳияти таълим аз ҳосил намудани дониш ва малака ба инкишофи қобилият ва истеъдод мегузарад. Асоси таълимоти муосирро консепсияи психологие ташкил мекунад, ки дар заминаи он инкишофи шахсият дар тамоми намудҳои фаъолияти нутқ дар назар дошта мешавад. Аз рӯи чунин талабот ба равияҳои инкишофи шахсият ва фаъолиятнокии шогирд аҳамияти махсус дода мешавад.

Тавре ки Президенти кишвар Э. Раҳмон ҳануз соли 1995 қайд кардааст, ки мактаби олӣ бояд мавриди ислоҳоти қатъӣқарор гирад, зеро он дар тайёр кардани мутахассисон аз кишварҳоиҷаҳон хело ақиб мондааст. Чунин камбудӣбаҷамъият зарари моддӣ ва маънавӣ мерасонад. Зарурияте ба миён омадааст, ки мундариҷаи таҳсилоти олӣ пурра аз нав дида баромада шавад[97, с.36].

## БОБИ 2: Технологияи иттилотиву комуникативҳ инкишофи раванд ва ташкилу идораи таълим.

### 2.1.Технологияи иттилоотиву комуникативӣ дар инкишофи фаъолияти маърифатнокӣ ва эҷодии хонандагон

Ислоҳоти системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ба рушду такомули мундариҷа ва сохти маълумот, аз ҷумла бозомӯзҳ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумҳ ва олҳ равона карда шудааст. Ќонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот ва Стандартҳои давлатии таҳсилот ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки системаи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сатҳи ҷаҳонҳ бардошта, рушду инкишофи минбаъдаи соҳаи маорифро муайян мекунанд. Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзиши забони хориҷҳ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникҳ ва воситаи муошировати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт»[59, с.74].

Дар доираи равияҳои муосир дар инкишофи маълумоти педагогҳ таълимот ҷиҳати рӯ овардан ба инкишофи шахсияти хонанда яке аз ҷойҳои муҳимро ишѓол мекунад. Консепсияи рӯйоварҳ ба инкишофи шахсияти хонанда ба муносибатҳои фаъолиятнокҳ ва фарҳангҳ такя мекунад. Яке аз идеяҳои пешбари консепсияи мазкур таѓйир ёфтани маќоми омодагии фаннҳ дар маълумоти педагогҳ мебошад, ки мувофиќи он тавачҷӯҳи асосҳ аз омӯзиши фан чун маќсади таълим ба омӯзиши фанни таълимҳ ҳамчун воситаи инкишофи хонанда равона карда мешавад.

Таҳти муносибати фаъолиятнокӣ чунин тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонанда фаҳмида мешавад, ки дар он талаба на ҳамчун шунавандаи оддӣ, балки чун иштирокчии фаъол дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Тибқи чунин таълимот талаба барои омодагӣ ба таҳсил дар баробари майлу хоҳиш, инчунин бояд саъю кӯшиши фаъол дошта бошад. Дар чунин ҳолат вазифаи омӯзгор вобаста ба мақсади таълим аз интихоби технологияи мувофиқ иборат мегардад. Фаъолиятнокии омӯзгор низ тағйир меёбад: ӯ аз таълимдиҳандае, ки талабагон бо ёрии ӯ танҳо малакаҳои педагогӣ ҳосил мекарданд, нақши мушовиреро мебозад, ки дар ҳамкорӣ бо шогирдон фаъолияти касбии ояндаи онҳоро тарҳрезӣ мекунад. Ба ҳамин муносибат ҳамгироии технологияи таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар хонандагон хоҳиши маърифатнокшавӣ ба вуҷуд омада, онҳо дарк мекунанд, ки омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо мақсади амалии ёд гирифтани забонро дорад. Дар баробари он, вай барои инкишофи фикрии шогирдон, омӯзиши фанҳои ҳамгиро ва гирифтани маълумот мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, дар пайравӣ ба муносибати фаъолиятнокӣ ваҷҳҳои омӯзиши забон асоси педагогии таълими забони хориҷро ташкил мекунанд[27, с.128].

Вобаста ба гуманизатсияи таълим бо мақсади инкишоф додан ва ташакул ёфтани муносибатҳои байниҳамдигарии шогирд ва устод, ки дар асоси эҳтиромияти ҳуқуқи ҳар як инсон, дар заминаи нигаҳдорӣ ва беҳдошти саломатии онҳо, риояи обрӯю эътибори онҳо ва инкишофи шахсияти хонанда ба амал меояд, аксар вақт муносибатҳои методологии инкишофи шахсият ва салоҳиятнокӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар амал мекунанд. Сабабҳои чунин алоқамандӣ пеш аз ҳама дар модернизатсия ё дар навгардонии таҳсилот, интегратсия (пайвастшавӣ ба муҳити таҳсилотии ҷаҳон) ва технологизатсия ба амал омадааст.

Муносибати руйоварӣ ба инкишофи шахсият риояи муносибати методологӣ дар инкишофи фаъолияти педагогӣ мебошад, ки он тавассути такя намудан ба системаи ба ҳам алоқаманди мафҳумот, идея ва тарзҳои

таъмини раванди худмаърифатшавӣ, худомӯзӣ ва худтатбиќкунӣ, инчунин инкишофи фардии шахсро дар бар мегирад.

Моҳияти муносибати инкишофи шахсият ин рӯйоварӣ ба татбиќи ҷараёни педагогӣ барои инкишофи шахсият ҳамчун маќсад, субъект, натиҷа ва самаранокии он мебошад. Бинобар ин шахсияти шогирд бояд ҳамаҷониба ќадр карда шавад. Озодии интелектуалӣ, фикрӣ ва ахлоќии ӯ, инчунин эҳтироми ӯ риоя бигардад.

Наќши омӯзгор дар инкишофи шахсияти шогирд бузург аст. Дар шароити ҳозира дар назди таҳсилоти педагогӣ вазифаҳои нав ба нав, пеш аз ҳама тайёр намудани омӯзгори гуманист (инсондуст) ба миён омадааст. Модели муосири муаллим - тарбия намудани омӯзгор ҳамчун фарди соҳибкасб, босалоҳият, эҷодкор ва дорои сифатҳои ахлоќию гуманистиро дар назар дорад. Омӯзгори муосир бояд дорои намунаи фаъолияти педагогӣ бошад, усули гуманистии муносибати байниҳамдигариро бо хонандагон дошта бошад. Яъне бо хонандагон барои дарёфти арзиш ва нормаҳои рафтор кӯшиш бикунад.

Ташаккули шахсияти инсон ин таѓйироти мунтазам ва системаи душвори муносибати инсон ба муҳити атроф, табиат, меҳнат ва дигар шахсон мебошад. Инкишофи шахс бояд ҳаматарафа дар ягонагии воҳидхои ҷисмонӣ ва аќлӣ ба амал оварда шавад[100, с.135].

Барои он, ки неруи эҷодии талаба кушода шавад, хеле муҳим аст, ки омӯзгор ӯро ба кадом самт равона мекунад. Неруи эҷодӣ мавҷудияти ќобилият, истеъдод, шавќу завќ ва маҳоратро дар шахсият дар назар дошта, барои инкишофи ин хусусиятҳо мусоидат менамояд. Мавҷудияти хусусиятҳои номбурда наќши тасаввур кардан ва эҳсос намуданро ба миён меорад, ки он барои рушди фаъолияти фикрии шогирд дар иҷрои инкишофи шахсияти ӯ кумак мерасонад. Дар омӯзиши забони олмонӣ наќши технологияи компютерӣ бузург аст, зеро на ҳар як китоби дарсӣ ба талаботи имрӯзаи маориф ҷавобгӯ аст. Ҳангоми истифода аз барномаҳои компютерии таълимӣ зарур аст, ки истифодабарии он барои ҳар як хонанда ва гурӯҳи

хонандагон санҷида шавад. Зеро пайдоиши технологияи компютерҳ маќсади наверо дар омӯзиши забони хориҷҳ ба миён меорад. Яъне донистани забон муоширатро тавассути почтаи электронҳ ва ҷустуҷӯи иттилоотро аз Интернет дар назар дорад. Аксари хонандагон чунин омилро ќайд кардаанд, ки бо пайдошавии Интернет имконияти муошират бо соҳибзабонон (олмониён) хеле афзуд ва чунин ҳолат ҳавасмандии онҳоро ба забони олмонҳ зиёд гардонид[113, с.84].

